Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www.ddtt.tj)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Рустамов Раҳим Умаршоҳович ба диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900- Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод гардидааст.

## 1.Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.

Дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар зарурати муайян ва ошкоркунии имкониятҳои рушди фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ ва баландбардории натиҷанокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пеш меояд. Дар чунин шароит амалкардаи низоми комил ва қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ аз ҷумлаи имкониятҳои мазкур мебошад. Ҷой доштани номутаносибӣ байни нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, яъне сатҳи нисбатан пасти ҳавасмандгардонии моддӣ ва нархи баланди молҳои истеҳсоли саноатӣ то андозае аз воқеият дур аст. Новобаста аз он ки давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар намуди асосии ҳавасмандгардонии моддӣ, яъне музди меҳнат афзоиш ёфтааст, лекин то ба имрӯз ҳаҷми он эҳтиёҷоти зиндагиро қонеъ карда наметавонад.

Тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ барои расидан ба зиндагии арзанда шароити лозимиро ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин, эҳтиёҷоти моддии захираҳои меҳнатӣ намудҳои нави неъматҳои моддӣ ва хизматрасониҳоро тақозо мекунад. Қонеъ гардонидани талаботи қувваи корӣ дар ин маврид аз низоми мукаммали ҳавасмандгардонии моддӣ, ки ҳаҷми назарраси воситаҳои ҳавасмандгардониро дар бар мегирад, вобаста мебошад. Бо назардошти нуктаҳои зикршуда мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба такмили низоми ҳавасмандгардонии модии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон нигаронида шудааст.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи таҳқиқот.

Кори диссертатсионӣ ба сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи

ихтисоси 6D051900 – ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – иқтисодиёти меҳнат) мутобиқат менамояд: қисмҳои 2.Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он. 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ. 7.Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; вазифаи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат. 10.Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш. 13.Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он. 20.Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Заминаҳои назариявӣ-методологӣ ва иттиилоотии диссертатсия.**

Дар кори диссертатсионӣ осори илмии мутафаккирони иқтисодӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масоили ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ бахшида шудааст, истифода шудаанд. Заминаҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, абстрактию мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, усули қаторҳои динамикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили омилӣ, хулосабандӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотиро ташкил менамоянд.

Дар диссертатсия аз нишондодҳои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва ҳавасмандгардонии он, барномаҳои рушди соҳаи саноат, аз ҷумла нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, рақамҳои маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шудааст.

**4. Саҳми муҳаққиқ дар ҳалли масъалаи илмӣ.**

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки саҳми довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мустақилонаи асосҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, омӯзиши пайдоиши назарияҳо оид ба мафҳуми меҳнат ва ҳавасмандгардонии он,

арзёбӣ намудани саҳми ҳавасмандгардонии моддӣ дар афзоиши ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои саноатии вилоят бараъло дида мешавад. Саҳми муаллифи диссертатсия инчунин дар муайянкунии имкониятҳои моливии корхонаҳои саноатии вилоят, ошкоркунии омилҳои ба низоми ҳавасмандгардонии моддӣ таъсиррасон ва хулосаю тавсияҳои мушаххас ҷиҳати такмили механизми ҷорикунии намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳои моддӣ назаррас мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ, мизҳои мудввар ва семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон давоми солҳои 2018-2023 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд. Муқарраротҳои назариявӣ ва тавсияҳои методию амалии диссертатсия дар ҷараёни тадриси фанҳои «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», «Таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» ва «Иқтисоди корхонаҳо» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон имконияти васеи истифодабарӣ доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия интишороти зиёд дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 17 мақолаи илмӣ, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст, нишон дода шудаанд.

**5. Аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Моҳияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки коркардҳои назариявии он ба рушди заминаҳои назариявии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Ворид намудани хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи саноат ва барномаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон мусоидат менамояд.

**6. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо.**

Навгонии илмии диссертатсия асоснoккунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгониҳои илмӣ-назариявӣ, методӣ ва амалиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

1. Муаллиф асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии меҳнатро омӯхта, фаҳмиши муаллифии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон муайян кардааст. Бо назардошти дигаргуншавии шароит ва афзоиши мунтазами самараи меҳнат тағйирпазирии методология ва низому механизми ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи такмилдиҳӣ дақиқ карда шудааст. Ҳамчунин зарурати ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи қонеъгардонии талаботи физиологӣ асоснок карда шуда, қонуниятҳо ва хусусиятҳои қаноатбахшии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ошкор карда шудааст ва афзалияти ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ муайян карда шудааст.

2. Дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддӣ ҷиҳатҳои имконпазири роҳандозии он дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор карда шудааст. Дар корхона нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона ва инфиродӣ, ҳавасмандгардонии бар собиқаи кории корманд асосёфта, низомҳои ҳавасмандгардонии ҳамаро фарогиранда, ҳавасмандгардонӣ вобаста ба натиҷаҳои воқеии меҳнат таҷрибаи хориҷии қобили қабул мебошанд.

3. Муҳаққиқ дар асоси рақамҳои омори расмӣ шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро таҳлил намуда, ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар онҳо арзёбӣ карда аст. Аз нигоҳи муаллиф норасоии имкониятҳои молиявию пардохтнопазирӣ, коҳишёбии арзиши дороиҳо ва истифодаи нокифояи имкониятҳои инноватсионӣ, ғайриқаноатбахш будани арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, аз ҷумла нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат, мавҷудияти уҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ оид ба қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат ҳолатҳое мебошанд, ки ба такмили низоми ҳавасамндгардонии моддӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

4. Муаллиф тавонистааст омилҳои манфии ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таъсиррасонро дар натиҷаи гуруҳбандӣ, таҳлил ва муқоисакунии маълумоти оморӣ расмӣ ва натиҷаи пурсиши иҷтимоӣ муайян ва ошкор намояд. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: маҳдудияти ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи нопурраи нерӯи ҷисмонӣ, малакаҳои зеҳнии кормандон ва ғайрисамаранок истифодабарии

дороиҳо, тамоюли манфии индекси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва таъсири онҳо ба мунтазамии ҳавасмандгардонии моддӣ.

5. Ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ ва асосҳои институтсионалӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон шароити мавҷуда ва самтҳои афзалиятнок асоснок карда шудаанд, аз ҷумла: зарурати ҳамоҳангии низом ва механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба мақсад ва стратегияи рушди корхонаҳо, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилӣ аз мавқеи таъмини мустақилият ва фарогирии ҳама ҷузъиёти ҳавасмандгардонии моддӣ, амали мунтазаму одилонаи низоми ҳавасмандгардонӣ ва вобаста ба тағйироти шароит рушдёбанда будани он, таъмини таносуби муносиби музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда, бартарӣ додан ба усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ дар низоми ҳавасмандгардонии амалкунандаи корхонаҳои саноатӣ, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ, бахусус шартномаҳои меҳнатӣ аз мавқеи фарогирии шароити муосиди ҳавасмандгардонии моддӣ.

6. Бо назардошти шароиту хусусияти шуғли пурмаҳсул ҷиҳати такмилдиҳии механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон тавсияҳои амиқ ва асоснок пешниҳод карда шудааст, ба монанди: баландбардории сатҳи касбият ва донишҳои инноватсионии захираҳои меҳнатии минтақа, ҷорӣ намудани низоми ҳамаро фарогиранда ва механизми прогрессивии ба афзоиши ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нигаронидашуда, инчунин ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ.

## 7. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаҳои илмӣ-назариявӣ, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 200 саҳифаи чопӣ омода гардида аст.

Муқаддимаи диссертатсия чун қоида қисматҳои муҳими таҳқиқотро дар бар гирифтааст. Дар муқаддима мубрамии мавзӯи кори диссертатсионӣ баррасӣ карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, муаълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаи иттилоотӣ, пойгоҳи таҳқиқот,

навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Боби аввал ба «Асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат» бахшида шуда, муаллиф таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнатро омӯхта, равияҳои методии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ аз мавқеи такмилдиҳии он таҳқиқ кардааст. Ҳамчунин дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷии ҳавасмадгардонии моддӣ имкониятҳои роҳандозии ҷиҳатҳои алоҳидаи онро дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор кардааст.

Муаллиф дар сатҳи зарурӣ таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнатро дар шароити муосир таҳқиқ кардааст. Аз маводи омӯхташуда хулосаҳои илмӣ-назаривӣ бароварда шуда, мазмуни ҳавасмандгардонии моддӣ дақиқ ва таъсири он ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз зербоби 1.2 ба даст оварда шудаанд, арзиши баланди илмӣ дошта, саҳми муаллиф дар ин самт шоёни таҳсин аст. Чунки муҳаққиқ тавонистааст, равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддиро муайян ва қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддиро ошкор кунад.

Аз таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддӣ ҷиҳатҳои имконпазири он, ки дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон татбиқшаванда мебошанд, ошкор гардидааст. Бахусус муҳаққиқ истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россия, Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Ҷопон, Олмон, Британияи Кабир, Фаронса ва Шветсияро қобили қабул медонад.

Дар боби дуюм «Вазъи муосир, муаммоҳо ва омилҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти хатлон» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуда, дар зербоби 2.1. ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба таври умумӣ таҳлил карда шудааст. Дар зербоби 2.2 нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ, муаммоҳо ва тамоюлоти ҷойдошта арзёбӣ гардида, таъсири омилҳои ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии

меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир муайян ва ошкор карда шудааст.

Аз таҳқиқи нишондиҳандаҳои нисбатан ғайримустақими ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои соҳаҳои алоҳидаи саноати вилояти Хатлон (зербоби 2.1.) ноустувории пардохтпазирии субъектҳои мазкур дар самти ҳавасмандгардонӣ муайян ва ошкор карда шудааст.

Дар натиҷаи арзёбии нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят дақиқ карда шудааст, ки рушди босуръати соҳаи саноат дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Данғара, Ховалинг, Бохтар, Ёвон ва Темурмалик боиси афзоиши яке аз намудҳои асосии ҳавасмандгардонии моддӣ, яъне музди меҳнат гардидааст. Ҳамчунин, дигар нишондиҳандаҳои ба афзоиши ҳавасмандгардонии моддӣ таъсиррасон дар сатҳи корхонаҳои минтақа тамоюли мусбӣ доранд, аммо на дар сатҳе, ки ҳаҷми қаноатбахши воситаҳои ҳавасмандгардониро таъмин кунад (зербоби 2.2.).

Таъсири омилҳои ба ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон аз тариқи миқдорӣ (бо рақамҳои омори расмӣ) баҳогузорӣ карда шудааст (зербоби 2.3). Дар ин қисмати таҳқиқот сатҳи ғайриқаноатбахши музди меҳнати кормандони аксарияти корхонаҳои саноатии минтақа, низоми номукаммали дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ, тамоюли манфии нархҳои истеъмолӣ ҳамчун омилҳои манфӣ арзёбӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия масъалаҳои вобаста ба такмили низоми идоракунии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатиро дар бар гирифтааст. Дар ин боби хотимавӣ кӯшиши муаллиф дар такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ бараъло инъикос ёфтааст. Чунки мавсуф тавонистааст, ки самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддиро муайян намояд ва барои такмили ҷиҳатҳои алоҳидаи институтсионалии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод кунад.

Дар натиҷаи таҳқиқи самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ, низоми мукаммал ва ё тавсияшаванда барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон коркард карда шуда, ба талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шароити меҳнатӣ дар вилоят мувофиқ гардонида шудааст (зербоби 3.1.). Ҳамчунин дар ин қисмати диссертатсия қайд карда шудааст, ки ҳаҷми кифояноки воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, чандирӣ будани подошҳо, ба принсипи

одилона ва саривақтӣ такя намудани механизми амаликунии ҳавасмандгардонӣ, ҳамоҳанг будани ҳавасмандгардониҳо ба барномаҳои рушд ва нақшаҳои стратегии корхонаҳои саноатӣ самтҳои алоҳидаи бартаридоштаи такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ мебошанд.

Хулосаю пешниҳодҳои муҳаққиқ ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии моддӣ дар корхонаҳои саноатӣ боиси дастгирӣ мебошад, чунки онҳо дар натиҷаи омӯзиши Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор қонуну қарорҳои соҳаи меҳнат ва ҳавасмандгардонии он ба даст оварда шудаанд (зербоби 3.2). Яке аз пешниҳодҳое, ки қобили қабул аст, чунин мазмун дорад, ки ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ бояд масъалаҳои вобаста ба пардохти меҳнат ва пардохтҳои хусусияти ҳавасмандгардонидоштаро бо назардошти манфиатҳои иқтисодӣ ва аз мавқеи афзоиши самаранокии меҳнат мустақилона муайян намоянд.

Таклифу пешниҳодҳои диссертатсия, ки барои рушди шуғли пурмаҳсул аз мавқеи такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон коркард шудаанд, арзиши баланди амалӣ доранд (зербоби 3.3). Дар ин зербоб таъсиси хадамоти аудити дохилӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ яке аз самтҳои бартаридоштаи мукаммалгардонии мехнанизми ҳавасмандгардонии моддӣ тавсия карда шудааст. Муаллиф аз матни ин қисмати таҳқиқот хулосабарорӣ намуда, қайд менамояд, ки дигаргуншавии нақши сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолот, рушди қобилияти эҷодӣ ва зарурати такмили мунтазами омодагии касбии кормандон, инчунин интихоби самти инноватсионии рушди иқтисодиёти миллӣ муҳимияти қабули консепсияи меҳнати арзандаро ҳамчун асоси ташаккулёбии меҳнати пурмаҳсул ба миён овардааст.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд, ки онҳо хусусияти навгонӣ дошта, иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташударо таъмин менамоянд.

### 8. Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия.

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмии мукаммал буда, ҷиҳатҳои арзишманди илмию назариявӣ, методӣ ва дастовардҳои зиёди амалӣ дорад ва барои ҳимояи ошкорро қобили қабул мебошад. Дар баробари ин, таҳқиқот аз баъзе норасиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

1. Дар зербоби 1.1. - и диссертатсия оид ба меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ нуқтаи назари иқтисодчиёни хориҷӣ ва ватанӣ ба низоми муайян даровардa шудааст. Аз ин рӯ, ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар дар ин зербоб оид ба фаҳмиши ҳавасмандгардонии моддӣ низ нуқтаи назари иқисодчиён тарҳрезӣ мешуд.

2. Дар матни зербоби 1.2 таснифоти ҳавасмандгардонӣ, принсипҳо, усулҳо, қонуниятҳо ва дигар равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддӣ оварда шудааст. Аммо барои ба даст овардани натиҷаҳои амиқи илмӣ истифодаи равияҳои методии арзёбӣ истифода аз тариқи формулаҳои математикӣ беҳтар мебуд.

3. Дар кори диссертатсионӣ (зербоби 1.3, саҳ. 47-63) бештар ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта такя карда шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва сатҳи имконипазирии роҳандозии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон истифодаи таҷрибаи кишварҳои ИДМ аз манфиат холӣ нест.

4. Маълумотҳои оморие, ки дар ҷадвалҳои (зербоби 2.1)-и диссертатсия оварда шуда хуб таҳлил карда шудааст. Аммо, натиҷаи таҳлили баъзе аз онҳо хулосаҳои зарурӣ нисбатан кам ба чашм мерасад.

5. Аз таҳқиқоти гузаронидашуда дар зербоби 3.1 ва 3.3 расмҳои муаллифии зиёде ҷой дода шудаанд. Аммо, баъзе аз онҳо (расми 3.1.3, саҳ.119, расми 3.3.2, саҳ. 148) дар сатҳи лозимӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудаанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва ҷой доштани онҳо дар диссертатсия арзиши илмию амалии таҳқиқотро кам намекунанд. Бинобар ин, кори диссертатсионии Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти комилан баанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва методӣ-амалӣ иҷрошуда дониста шуда, қисматҳои асосии он ба монанди мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошанд.

**9. Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия.**

Мазмуну моҳияти мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгонӣ ва унсурҳои таркибии он, хулосаҳои илмӣ-назариявӣ, методӣ ва

тавсияҳои амалии рисолаи тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳои илмию амалии сатҳи гуногун чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд. Дар умум, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ ва методию амалӣ иҷро шудааст.

**10. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали хотимаёфта буда, навгонии илмӣ ва унсурҳои таркибии он кифоянок мебошанд ва дастоварди назарраси илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи таҳлили**
**иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи**
**байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон** **Рустамов Р.У.**

Имзои **Рустамов Р.У.**-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734055,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Телефон: +992 (37) 234 -88-02.
E-mail: dsx_ips@mail.ru
«13» 09 2023